**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.06. 2024, № 21

Барои сазовор донистани Раҳмонова Дилрабо Искандаровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

Диссертатсияи Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С.Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти № 306/шд) рӯзи 2-юми апрели соли 2024, суратҷаласаи № 53 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳмонова Дилрабо Искандаровна 12-уми июли соли 1980 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2006 факултети забони хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакиро бо ихтисоси «омӯзгори забони англисӣ» хатм кардааст. Аз соли 2015 то ин замон дар кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода фаъолият дорад. Аз соли 2021 инҷониб унвонҷӯи кафедраи забонҳои хориҷии раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна.

Муқарризони расмӣ:

1. **Юсупова Зарина Розиқовна**, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва адабиёти руси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**2. Шарипова Адолатхон Шарифовна**, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои МТҒ «Донишгоҳи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон».

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна, ташхисгар – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси – Забоншиносӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Маҳмудзода Миҷгона Абдулваҳоб, котиби илмии ҷаласа - доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси – Забоншиносӣ, муаллими калони кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Сафарзода Руҳангези Акбар имзо гардида, ба имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ шуда ва қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Раҳмонова Дилрабо Искандаровна дар мавзуи «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар муқоиса бо забони англисӣ (дар асоси осори насрии С. Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Мукарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт

асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Рахмонова Д.И. Муайянкунандаи изофӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи осори тарҷумаи устод С. Айнӣ) /Д.И.Раҳмонова// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. (Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ) – Бохтар, 2021. – №1/2(86). – С. 38-42.ISSN 2663-5534

[2-М]. Рахмонова Д.И. Таҳлили баъзе тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави муайянкунанда / Д.И .Раҳмонова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) / Душанбе, 2021.-№ 2(014) – С. 290-293. ISSN 2076-2569

[3-М]. Рахмонова Д.И. Мавқеи ҷумлаҳои пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Д.И. Раҳмонова // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) / Душанбе, 2022. -№ 2(014) – С. 207-212. ISSN 2076-2569

[4-М]. Раҳмонова Н.Ш., Раҳмонова Д.И. Вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н.Ш. Раҳмонова, Д.И. Раҳмонова // Ахбори Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон (шуъбаи илмҳои гуманитарӣ) / – Душанбе, 2024. - № 1(274) – С. 255-266. ISSN 2076-2569

**2. Мақолаҳое, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

[1-М]. Раҳмонова Д.И. Навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ // Конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи Роль изучения иностранных языков в укреплении международных коммунаникаций // МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», 25 ноябри соли 2021. – С.166 - 171.

**[2-М]**. Раҳмонова Д.И. Тобишҳои маънонии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар асоси осори насрии С. Айнӣ // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати профессорону устодон, кормандон, магистрон ва доничӯёни МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», 18 апрели соли 2022. – С. 411-417.

**[3-М]**. Раҳмонова Д.И. Гурӯҳбандии таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи забони тоҷикӣ ва ҳамгуниҳои онҳо дар забони англисӣ // Конференсияи байналмиллалии илмӣ - амалӣ дар мавзуи "Таъсири забонҳои хориҷӣ ба фарҳанги миллӣ МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», 27 майи соли 2022. – С. 78-84.

**[4-М]**. Раҳмонова Д.И. Актуальные проблемы преподавания русского языка иностранного языка за рубежом (на примере СПП в системе синтаксиса). // Межвузовской научно-практической конференции с международным участием «Лингвометодические аспекты профессионально ориентированного обучения иностранным языкам в неязыковом вузе: традиции и инновации» – Барнаул, 30.11.2023. – С. 312- 317.

**[5-М]**. Раҳмонова Д.И. Новые государственные программы развития языков и их полититка в управлении организациями и предприятиями // Конференсияи ҷумҳурияии илмӣ - амалӣ дар мавзуи «Аҳамияти омӯзиш ва такмили забонҳои хориҷӣ барои хизмачиёни давлатӣ, роҳбарону ташкилоту корхонаҳо дар шароити тағйирёбии равандҳои сиёсӣ» бахшида ба «Эълон гардидани соли 2023 Соли забони русӣ» / Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 24.02.2023. – С. 412-418.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1.** Тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна** мусбат буда, чунин эродҳо манзур шудаанд:

- ҳангоми зикри номи муҳаққиқон дар диссертатсия баъзан гуногуннависӣ ба назар мерасад. Масалан, номи муҳаққиқ Беленитский дар шакли Белинский, Белинитский зикр шудааст (с.10).

- рисола бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, аммо ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ба мушоҳида расидаанд, ки бартараф кардани онҳо ҳусни корро меафзояд.

- хуб мешуд, тавассути таҳқиқи оморӣ маводи амалии рисола дар шакли диаграммаҳо пешниҳод мегардид.

**2.** Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Азизова Мастона Ҳамидовна** низ мусбат буда, чунин эрод оварда шудааст:

-дар матни автореферат баъзе нуқсонҳои таҳририву техникӣ ба назар мерасанд.

**3.** Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотӣ технологии «МИСИС» дар шаҳри Душанбе **Абдуллоева Заррина Фатуллоевна** мусбат буда, чунин эрод оварда шудааст:

- дар сохти ҷумла баъзе бетартибиҳо дида шуда, он аз ғалатҳои техникӣ холӣ нест.

**4.** Дар тақризи номзади илмҳои филологӣ, ходими калони шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Қодирова Салтанат Абдуллоевна** тақриз мусбат буда, ба автореферат чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- аз ҷумла, дар фишурда барои таҳлилҳо доираи наонқадар васеи дастурҳои таълимӣ истифода гардидааст.

- фишурда бо забони хуби илмӣ навишта шудааст, аммо ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ба мушоҳида расиданд, ки бартараф кардани онҳо ҳусни корро меафзояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ**:

- тобишҳои маънои ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар осори хаттии С. Айнӣ **муайян карда шуд**.

- гурӯҳбандии таркиби ҷумлаҳои пайрави муайянкунандаи забони тоҷикӣ ва ҳамгунҳои онҳо дар забони англисӣ **муайян карда шуд**.

- навъ ва вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда **таҳлил карда шуд**.

- ҷойи ҷумлаҳои пайрав дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ **муайян карда шуд.**

- вижагиҳои сохтории ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар ҷумлаҳои тобеъ дар забонҳои қиёсшаванда **таҳқиқ карда шуд**.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки муҳаққиқ таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунандаи осори

насрии Садриддин Айниро бо назардошти муқоисаи тарҷумаи онҳо дар забони англисӣ меҳвари асосии таҳқиқ қарор додааст. Инчунин, таҳқиқи мазкур метавонад, дар роҳи омӯзиши муқоисавӣ ва ҷамъбасти илмии масоили наҳвшиносӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати илмӣ хизмат кунад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони ватанӣ чун Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, Ф. Зикриёев, С. Атобуллоев, Л. Бузургзода, Д. Хоҷаев ва хориҷӣ Л.С. Бархурдаров ва Д.А. Штелинг, Л.П. Винокурова, Г.Н. Воронсова, М.А. Галинина ва Н.М. Василевская, Б. А. Илиш, Л.Л. Иофик, Л.П. Чахоян, А.М. Беленитский, Н.Ф. Иртенева, Н.А. Кобрина, Е.А. Корнеева, Д.А. Штеллинг, А.Ж. Смирнитский, В.Д. Ившин ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия аз методҳои таҳқиқоти лингвистӣ: таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, факторӣ ва синхронӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад,** ки маводи ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон барои таълими фанни забонҳои муосири баррасишаванда, грамматикаи муосир, барои таҳияи китобҳои дарсӣ барои факултаҳои филологияи мактабҳои олӣ ва забонҳои қиёсшаванда, дастурҳои таълимӣ, хондани лексияҳо ва гузаронидани курсҳои махсус истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон додаанд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда дар забоншиносии тоҷик дар мисоли осори С.Айнӣ аз нуқтаи назари қиёсӣ, таҳлили сохторӣ, маъноиву грамматикӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 10-уми июни

соли 2024 дар бораи сазовор донистани Раҳмонова Дилрабо Искандаровна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 аъзои шуро 13 нафар иштирок доштан, ки аз инҳо 5 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Аз 13 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор –13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷаматов С.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Каримова Д. Н.

10.06.2024